## ТАҚРИЗИ

муқарризи холис ба диссертатсияи доктории Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Муносибатҳои нави дар муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир ба вуҷудомада бо тамоми мубрамият талаботи сифатан навро дар назди муассисаҳои таҳсилоти мамлакат ба миён мегузорад. Тағйир ёфтани муҳити сиёсӣ ва ҷаҳонбинии одамон, нигоҳ ба арзишҳои миллии инсонӣ дар назди низоми маорифи мамлакат вазифаҳои муҳим ва ногузирро оиди дар руҳияи шаҳрвандӣ – ватандӯстӣ, ташаккули ҳисси муҳофизати муқадассоти ватан ба камол расонидани ҷавонони имрӯзаро тақозо дорад. Чунин муҳит ва шароит масъалаи фавқулзикрро чун вазифаи муқаддаси муассисаҳои таҳсилоти мамлакат муайян мекунад. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯи таҳқиқотии Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" хеле муҳим ва рӯзмарра махсуб меёбад.

Дар натиҷаи омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии мавзӯъ муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муосир муайян кунад ва дар ин поя консепсияи назариявии асоснокро коркард намояд.

Дар таҳқиқот унвонҷӯ дар асоси таҳлили теъдоди васеи адабиётҳои педагогию психологӣ доир ба асосҳои методологӣ ва назариявии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи дидгоҳи муосири илмӣ имкон пайдо кардааст, то ки моҳият, хусусиятҳои раванд ва шароитҳои муосири самараноки тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагон муайян карда шаванд. Қайд кардан

ҷоиз аст, ки аз тарафи Давлатзода Ҷамила оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшаванда марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии тадқиқотӣ гузаронида шудааст. Дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ дар рисола аз тарафи муаллиф шароит ва омилҳои мувфоиқ ва самараноки тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи усул ва воситаҳои муосири тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти усули дарёфт ва ташаккули методҳои ҷадиди тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар низоми таҳсилоти муосир саҳми муайян мегузорад.

Фарҳанги мутаносиби таҳқиқотии унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд,

Дар нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшудаи муаллиф ба таври пурмаъно моҳияти консепсияи мазкур дарк карда мешавад. Ба таври умум, консепсия ба қадри кифоя мувофиқ карда шудааст ва эроди ҷиддиро талаб

намекунад. Мазмуни асосии он дар бобҳои диссертатсия густурда шуда, мантиқи ифодагардии маводҳои назариявӣ ва тавсифи таҳқиқоти эмпирикиро муайян кардааст. Мантиқи мазкури таҳқиқот ба дарки мавқеи ишғолкардаи илмии муаллиф ва фаҳмидани ғояи асосие, ки ҳамчун пояи базавии коркарди консепсияи педагогии муаллиф гузошта шудааст имконият медиҳад.

Дар қисмати Хулосаи рисола натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии сифати тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, усули дарёфт ва ташкили низоми нави ин муаммо ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати ин фаъолият саҳми арзишманд гузорад.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳми назаррас дорад.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти

муаллиф, ки дар 6 монография, дар мақолаҳои илмӣ, ки фарогири 44 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 16 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Аз ҷиҳати моҳият ва мазмун диссертатсияи Давлатзода Ҷамила ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот хулоса кардан мумкин аст, ки рисолаи мазкур дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ аст ва барои ҳимоя дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров" тавсия дода мешавад.

Муқарризи холис, доктори илмҳои педагогӣ,
Саркотиби илмии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон — Каримзода Мирзо Бадал

*Имзои Каримзода Мирзо Бадалро тасдиқ менамоям.*
*Сардори ШК АТТ* — Саидова Моҳиҷон Солиевна

12.02.2022